# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИС

ба диссертатсияи доктории Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи "Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими шинохт ва маърифати адабиёт - шарҳшиносии "Маснавии маънавӣ" бахшида шуда,аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва китобнома иборат мебошад.

Бо назардошти он ки то таълифи диссертатсияи Султонзода Т.С. масоили вобаста ба шарҳнигорӣ бар "Маснавии маънавӣ" дар адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, диссертатсияи мазкур барои пур кардани холигоҳи шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ" аз кӯшишҳои аввалин ба ҳисоб меравад.

Навоварии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиш ва таҳқиқ дар заминаи шарҳҳои "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар Тоҷикистон бори аввал сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, натиҷаҳои ба дастомадаи диссертатсияро метавон барои навиштани асарҳои ҷомеи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, инчунин дар ҷараёни таҳияи китобҳои дарсӣ барои макотиби олӣ, таълими фанни «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» дар факултетҳои филологӣ ва хондани курсҳои махсуси «Шарҳнигории осори адабӣ» ва «Маснавихонӣ» мавриди истифода қарор дод.

Ҳадафи аслии таҳқиқот, пеш аз ҳама муайян кардани мақоми шарҳҳо дар маърифати "Маснавии маънавӣ" буда, дар меҳвари таҳқиқот масъалаҳои аввалин шореҳон ва мактабҳои шарҳнигории "Маснавии маънавӣ", заминаҳои ба вуҷуд омадани мактаби шарҳнигорӣ, арзиши шарҳҳо дар маърифати "Маснавии маънавӣ", баррасии махсусияти шурӯҳ, роҳу усул, сарчашма ва заминаҳои

фикрии шореҳони "Маснавии маънавӣ", муаррифии шарҳи "Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор"-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ҳамчун нахустин шарҳи "Маснавии маънавӣ" ва мақоми он дар ташаккули мактаби шарҳнигорӣ бар "Маснавӣ" мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси омӯхтани як қатор нусхаҳои хаттию чопии шарҳи маъруфи «Маснавии маънавӣ» кӯшиш ба харҷ додааст, ки арзишҳои аслии шурӯҳи «Маснавӣ»-ро муайян намояд.

Сарчашмаҳои таҳқиқи диссертатсияро қадимитарин шарҳҳои "Маснавии маънавӣ", аз ҷумла "Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор"-и Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ, "Мукошифоти разавӣ"-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, «Асрор-ул-ғуюб»-и Хоҷа Айюби Порсо, "Махзан-ул-асрор»-и Валимуҳаммади Назири Акбарободӣ, «Футӯҳоти маънавӣ"-и Абдулалии Баҳрулулуми Лакҳнавӣ, "«Латоиф-ул-луғот»-и Абдулатифи Аббосии Гуҷаротӣ, «Шарҳи кабири Анқаравӣ»-и Русухиддин Исмоили Анқаравӣ, "Шарҳи маснавӣ"-и Муҳаммаднаим, "Шарҳи асрор"-и Мулло Ҳодии Сабзаворӣ, Шарҳи Шоҳ Доъии Шерозӣ, "Гулшани тавҳид"-и Шоҳидии Муғлавӣ ва даҳҳо шарҳи дигар, ки дар Эрон, Ҳиндустон, Покистон ва Туркия таълиф гардидаанд, ташкил додаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки "Сайри таърихии шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ" ном дорад, аввалин падидаҳои шарҳнависӣ бар "Маснавӣ", анвои шарҳҳо ва нахустин шарҳҳое, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон ба вуҷуд омадаанд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф шарҳҳоро аз лиҳози забон, ҳаҷму муҳтаво, анвоъ ва арзиши онон дастабандӣ кардааст, ки дар маҷмӯъ хонанда метавонад, роҷеъ ба шарҳҳои форсӣ, ҳиндӣ, туркӣ, арабӣ, инглисию олмонӣ ва шарҳҳое, ки бо забонҳои дигари ҳиндӣ таълиф гардидаанд, маълумоти муфид ба даст биёрад.

Дар боби дуюми диссертатсия - "Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва нақду таҳлили «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и ӯ" муҳимтарин масъалаҳои марбут ба зиндагинома ва мероси Камолуддини Хоразмӣ ба баҳсу баррасӣ кашида шудааст. Бояд таъкид кард, ки роҷеъ ба зиндагиномаи Ҳусайни Хоразмӣ то имрӯз андешаи ягона вуҷуд

надошта, ихтилофи назар зиёд аст. Таҳиягари матни шарҳи "Ҷавоҳир-ул-асрор" доктор Муҳаммадҷаводи Шариат бо такя ба маълумоти китоби "Маҷолис-ул-мӯъминин" шахсияти Ҳусайни Хоразмиро бо сӯфии машҳури садаи XVI Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ (тав. 958 ҳ.), ки пас аз саду ҳаждаҳ соли вафоти Ҳусайни Хоразмӣ зистааст, омехта мекунад. Ин иштибоҳ аз тарафи аксари муҳаққиқоне, ки дар бораи Ҳусайни Хоразмӣ маълумот додаанд ва ё дар робита ба шахсиятҳои таърихии ин давр изҳори андеша кардаанд, низ рух додааст. Султонзода Т. дар асоси таҳқиқу омӯзиши яке аз сарчашмаҳои маъруфи ин давр – "Маҷолис-ун-нафоис"-и Мир Алишери Навоӣ, инчунин маълумоти Камолуддини Хоразмӣ дар "Ҷавоҳир-ул-асрор" ба натиҷае расидааст, ки аксари муҳаққиқон бино бар такя кардан ба маълумоти китоби "Маҷолис-ул-муъминин"-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ шахсияти ин ду нафарро ба ҳам омехта кардаанд.

Муаллиф дар боби дуюми диссертатсия дар асоси намунаҳои зиёди ашъори шореҳ, ки дар шарҳ бо ишораи "ли муаллифиҳӣ" зикр шудаанд, чеҳраи ҳунарии Хоразмиро ҳамчун шоири чирадаст ва ҳунарманд муаррифӣ кардааст. Дар боби мазкур инчунин қадимитарин нусхаҳои шарҳи "Ҷавоҳир-ул-асрор" муаррифӣ гардида, сохтор ва муҳтавои муқаддимаи шарҳ, усулҳои шарҳи "Маснавӣ" дар "Ҷавоҳир-ул-асрор", сабки навишт ва сарчашмаҳои шарҳ мавриди пажӯҳиши муфассал қарор гирифтаанд. Агар дар зимни навиштани муқаддимаи гаронсанги хеш шореҳ аз муҳимтарин китобҳои ирфонии пеш аз худ «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдураҳмони Сулламӣ, «Ал-лумаъ фит тасаввуф»-и Абӯнасри Сарроҷ, «Рисолаи Қушайрия» Абулқосими Қушайрӣ, «Ат-таъарруф»-и Калободӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Усмони Ҳуҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Эҳёу улум»-и Имом Ғаззолӣ истифода карда бошад, пас ҳангоми шарҳи абёти "Маснавӣ" аз ашъори суханварони мумтози адабиёти форсии тоҷикӣ, аз қабили Ибни Сино, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонӣ, Ҳаким Саноӣ, Атторн Нишопурӣ, Хоҷа Имоди Фақеҳи Кирмонӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ баҳра бардоштааст. Муаллиф ба натиҷае

мерасад, ки агар аз лиҳози дараҷаи истифодаи сарчашмаҳо дар шарҳи Хоразмӣ "Девони кабир" дар мақоми аввал қарор дошта бошад, пас ашъори Хоқонӣ дувумин сарчашмаест, ки шореҳ барои шарҳу басти калом мавриди истифода қарор додааст.

Дар боби севуми диссертатсия махсусиятҳои шарҳҳои ҳиндӣ ва заминаҳои ривоҷи шарҳнависӣ, инчунин муҳимтарин хусусиятҳои мактаби шарҳнигории Ҳинд ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар фаслҳои чаҳоргонаи боби мазкур фаъолияти шарҳнигории Шайх Абдулатифи Аббосӣ, шарҳи «Мукошифоти разавӣ»-и Муҳаммаризои Лоҳурӣ,"Асрор-ил-ғуюб"-и Хоҷа Айюби Порсо ва "Махзан-ул-асрор"-и Валимуҳаммади Акбарободӣ, арзишҳо, сарчашмаҳо, усулҳои шарҳнигорӣ ва махсусиятҳои шурӯҳи мазкур мавриди баррасӣ ва таҳлили муфассал қарор дода шудааст.

Боби чаҳоруми диссертатсия "Шарҳҳои форсии "Маснавӣ" дар Осиёи Сағир" ном дошта, оид ба заминаҳои бавуҷудоии мактаби шарҳнигории туркӣ ва махсусиятҳои он изҳори андеша шудааст. Таъкид мешавад, ки яке аз махсусиятҳои мактаби шарҳнигории туркиро талхис ва шарҳу тафсири "Маснавӣ" ташкил додааст.

Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва нодуруст гузоштани аломати китобат ҳам ба назар расид, ки ислоҳи онҳо кори мушкил нест. Муҳим он аст, ки тадқиқоти арзишманде ба анҷом расидааст.

Хулосаҳо дар охири диссертатсия ба таври муназзам ва муфассал баён гардида, натиҷаҳои кори тадқиқотии Т. Султонзодаро дарбар гирифтааст. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос кардааст.

Рӯйхати адабиёт дар асоси стандарт ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст. Монография ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ҷавобгӯйи талаботи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фарогири мавзӯи асосии диссертатсия мебошанд.

Диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи "Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқ буда, шоистаи ба дифоъ пешниҳод кардан мебошад.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. **Тағаймуродов Рустам** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
3. **Мисбоҳиддини Нарзиқул** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Раиси комиссияи ташхис
д.и.ф, профессор — Солиҳов Ш.

Аъзои комиссияи ташхис:
д.и.ф, профессор — Исрофилниё Ш.

д.и.ф, профессор — Элбоев В.